ТАСДИҚ МЕКУНАМ
Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
_______________ Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
“_29_” _____04_______2024 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи “Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бахшида шудааст. Муҳтавои диссертатсия ба ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Сифат ва самаранокии идораи давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Давлат дар симои мақомоту идораҳо,ки дастгоҳи давлатиро таҷассум менамоянд, ба фаъолияти самаранок ва муътадили он манфиатдор мебошанд. Ҳар як мақомоти давлатӣ дар ҷомеа вазифа ва функсияҳои худро амалӣ намуда, фаъолиятти худро тибқи талаботи қонунгузории ҷорӣ ба роҳ мемонанд ва дар қатори дигар мақомоти давлатӣ, ба зиммаи мақомоти ҳокимияти иҷрои таъмини иҷрои муқарраароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вогузор карда шудааст. Низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ба тариқи низомнок, яъне амудӣ амал намуда, дар маҳал, яъне дар воҳидҳои марзиву маъмурииии кишвар ин рисолат ба зиммаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия вогузор шудааст. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар маҳал фаъолияти худро ба мақсади иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқи роҳандозӣ намуда, фаъолияти самаранок ва бо сифати он дар худ сатҳ ва сифати идораи давлатиро таҷассум менамояд. Дар баробари ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар сатҳи маҳаллӣ амал намуда, бо объектҳои идораи давлатӣ дар муносибати наздик қарор доранд ва нисбат ба ҳама гуна равандҳо ва ҷараёнҳо саривақт муносибат барқарор намуда, чораҳои зарӯриро меадешанд. Албатта, ин амалҳо барои муҳайё намудани шароити мусоид баҳри татбиқи ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон равона шуда, роҳандозӣ намудани ин ҳолатҳо бо такмили қонунгузории танзимкунандаи соҳа муяссар мегардад. Таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар рисола барои такмили қонунгузории соҳа, аз он ҷумла омӯзиши мавқеъ

ва нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, таҳқиқ ва омӯзиши асосҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти идораи давлатӣ дар давраҳои гуногун ва рушди он, таснифи асосноки ҳуқуқии мақомоти мазкур, масоили вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр, ноҳия, такмили масоили ташкили мақомоти мазкур, масоили шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур ва ҳомилони он, масоил оид ба ваколатҳои раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис, масоил оид ба вогузор намудани ваколат дар сатҳи маҳал, ҳамкорӣ ва тамоси мақомоти маҳалли ҳокимияти иҷроия ва мақомоти худиоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар масъалаҳои такмили қонунгузории соҳа мусоидат намуда, барои самаранокиии идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал шароити ҳуқуқӣ фароҳам меоварад, ки ифодакунандаи таъиноти иҷтимоии давлат ва мақомоти он шинохта мешавад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Дар раванди таҳлил ва пажуҳиши масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф паҳлуҳои мухталифи онро аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ баррасӣ намуда, нуқтаҳои илман асоснок ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки хусусияти назариявӣ ва амалиро дар худ касб менамояд.

Ҳамзамон, муаллиф як қатор мақолаҳои илмиро вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба табъ расонидааст, ки ифодагари саҳми шахсии ӯро дар таҳқиқоти илмии анҷомдода мебошад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Раззоқзода Т.М. аз муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишороти муаллиф вобаста ба мавзуи таҳқиқот иборат мебошад, ки пайдарҳамии мантиқӣ дар он риоя гардида, ҳаҷми умумии рисола 183 саҳифаро дар бар мегирад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар он нахустин бор дар илми ватанӣ масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст.

Дар заминаи таҳқиқи масъалаи баррасишаванда ба таҷрибаи масоили ташкилӣ ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар кишварҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шуда, тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардиданд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро фарогир аст ва бо дарназардоштиислоҳоти низоми идораи давлатӣ, қонунгузории миллӣ, таҷрибаи давлатҳои алоҳидаи хориҷӣ омода гардидааст. Нуқтаҳои асосии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод карда

шудаанд, навгонии рисолаи илмӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки онро ҳамчун асоси назариявӣ барои таҳия намудани консепсия муайян барои такмили масоили ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳкими фаъолияти низоми мазкур дар шароити ташаккули давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд истифода намудан мумкин аст.

Тавсияҳои консептуалӣ-илмии таҳқиқот аз тарафи мақоми олии қонунгузорӣ ва иҷроияи кишвар дар такмили Конститутсия ва қонунҳои ҷорӣ, татбиқи чорабиниҳои пешбининамудаи Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар ҶТ барои давраи то соли 2030, Конспепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ва санадҳои дигари сиёсию ҳуқуқӣ метавонанд ба инобат гирифта шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонад дар инкишофи илмҳои ҳуқуқи маъмурӣ, назарияи идоракунии давлатӣ, назарияи ҳуқуқ ва давлат, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ғ. кумак расонад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро мумкин аст дар ҷараёни таълим дар макотиби олии самти ҳуқуқшиносӣ, такмили ихтисоси кормандони мақомоти давлатӣ истифода намуд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо он таъмин карда шудааст, ки:

– натиҷа ва хулосаҳо бо такя ба консепсияҳои асосноки илми муосир, махзани меъёрии ҳуқуқии ватанӣ ва амалияи аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни ба иҷро расонидани вазифаҳо ва функсияҳои худ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи давлатдории миллии ҶТ ва инчунин таҷрибаи пешқадам ва фаъолияти самараноки мақомоти мазкур дар давлатҳои хориҷӣ ба даст оварда шудааст;

– пешниҳодҳои илмӣ бо назардошти имконоти татбиқи онҳо дар раванди фаъолияти мақомти маҳаллии ҳокимияти иҷроия таҳия карда шудаанд;

– натиҷаҳои илмии бадастовардашуда имкон медиҳанд, ки роҳу воситаҳои минбаъда дар самти такмили қонунгузории ҶТ муайян карда шуда, амсилаи муносиби рушди қонунгузории миллӣ, ки дар Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар ҶТ барои давраи то соли 2030 ва Конспепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қайд карда шудаанд, интихоб карда шавад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониии Раззоқзода Т.М., ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, исбот менамоянд, ки ба довталаб дараҷаи илмӣ дода шавад, аз он ҷумла:

а) Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ бо омӯзишу таҳлили қонунгузории Тоҷикистон муаллиф чунин давраҳои асосҳои ҳуқуқии

ташаккул ва рушди сатҳи маҳаллии идораи давлатӣ пешниҳод намудааст.

- давраи шуравӣ: (аз соли 1924 то соли 1991), ки аз таъсиси Тоҷикистон ба ҳайси ҷумҳурии шуравии сотсиалистӣ оғоз шуда, то пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ идома меёбад.

- давраи гузариш: (аз соли 1991 то соли 1994), ки аз давраи истиқлол ба даст овардани Тоҷикистон шуруъ шуда, то қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол идома меёбад. Дар ин давра, унсурҳои низоми шуравии давлатдорӣ ва ниҳодҳои нави давлатӣ истифода мешаванд;

- давраи баъди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1995 то ҳанӯз), ки низоми нави мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо таъсис ёфта, такмили минбаъдаи он идома дода мешавад.

б) Бо таҳқиқоти роҳандозинамуда муаллиф таснифи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияро дар чунин шакл пешниҳод намудааст:

- вобаста ба ҳудуди фаъолият: сатҳи вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ;

- вобаста ба ҳаҷми салоҳият: мақомоти салоҳияти умумӣ; мақомоти салоҳияти соҳавӣ; мақомоти салоҳияти байнисоҳавӣ;

- вобаста ба тартиби таъсис: аз ҷониби Президенти ҷумҳурӣ таъсисёбанда; аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ таъсисёбанда; аз ҷониби раисони вилоятҳо, шаҳрҳо, ноҳияҳо таъсисёбанда;

- вобаста ба тарзи ташкил: мақомоти интихобӣ; мақомоти таъинӣ;

- вобаста ба сарчашмаи маблағгузорӣ: буҷети ҷумҳуриявӣ; буҷети маҳаллӣ.

в) Муаллиф илова менамояд, ки дар қонунгузории мамлакат мафҳуми «худидоракунӣ» мустаҳкам шуда, тавсифи «идораи маҳаллӣ» то ҳанӯз дода нашудааст, ки норасоӣ дар танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ мебошад. Дар фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 июли соли 2015, ки бо он «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» тасдиқ шудааст, ибораҳои «идоракунии маҳаллӣ» ва «идоракунии давлатии маҳаллӣ» фаровон истифода мешаванд. Аз хотир, мафҳуми муаллифии идора маҳаллӣ ва идора давлатии маҳаллиро пешниҳод намуда, мақсаднок ҳисобидааст, ки ҷиҳати мушаххас намудани фаъолияти субъектони дахлдор ба Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» бо чунин мазмун илова ворид карда шавад:

- «Идораи маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти маҳаллии иҷроия-амрдиҳанда дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ бахри ҳалли масъалаҳои дорои аҳаммияти маҳаллӣ бо назардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои аҳолии маҳал»;

- «Идораи давлатии маҳаллӣ – фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар сатҳи вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба мақсади амалисозии сиёсати давлатӣ дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ».

г) Диссертант дар рисола бо омӯзиши аломатҳои мақомоти давлатӣ мафҳуми мақомоти давлатиро омода намуда, пешниҳод намудааст, ки он дар зербанди 2 моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» дар чунин таҳрир баён карда шавад: «Мақоми давлатӣ – навъи махсуси муассисаи оммавии дорои ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ, воситаҳои зарурии моддӣ ва сохтори ташкилии дақиқи бо тартиби меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкамшуда мебошад, ки аз буҷети давлатӣ маблағгузорӣ мешавад».

д) Ба мафҳуми мавҷудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар натиҷа зарӯр шуморидааст, ки мафҳуми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дар таҳрири нав дар шакли зерин мустаҳкам карда шавад: «Мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия – ҷузъи таркибии низоми ягонаи ҳокимияти иҷроияи ҶТ, ки дар доираи салоҳияти худ фаъолияти иҷроия-амрдиҳандаро оид ба идораи давлатии маҳаллӣ амалӣ менамоянд».

е) Бо таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муайян намудааст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия ба тасвиби санадҳои ҳуқуқӣ ваколатдор мебошанд. Санадҳои ҳукуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ санадҳои аввалия набуда, санадҳои маҳсулӣ, яъне ҳамеша ҳамчун санадҳои дуюмдараҷа ҳисобида мешаванд. Онҳо санадҳое мебошанд, ки ҳангоми таҳия ва иҷрои санадҳои меъёрии қаблан батасвибрасида ва амалкунанда баровარда мешаванд. Ин санадҳо дар байни субъектҳои мушаххас муносибатҳои нави ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд ва ин санадҳо нисбат ба иштирокдорони ин муносибатҳо, аниқтараш дар доираи воҳидҳои муайяни маъмурию ҳудудии дахлдор паҳн мешаванд.

ё) Ба қисмати баёни истилоҳотии мақомоти ҳокимияти иҷроия ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия таваҷҷуҳ зоҳир намудаа, илова менамояд, ки дар қисми 6-уми моддаи 69-и Конститутсияи ҶТ ибораи «мақомоти ҳокимияти иҷроия» истифода мегардад, ки робитаи зотии сохторро бо шохаи алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ дар назар дорад ва маҳз, он бояд дар қонунгузории ҷорӣ ба ҳайси ифодаи истилоҳӣ қабул гардад. Дар ин раванд, пешниҳод намудааст, ки дар сатҳи маҳаллӣ мувофиқан истифодаи ибораи «мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия» дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад.

ж) Муаллиф муайян намудааст, ки дар фаъолияти раиси ВМКБ, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия чунин норасоӣ дар самти татбиқи ваколатҳо оид ба тасдиқи низомнома ва оинномаҳои корхона, муассиса ва такилотҳо, ки дар маҳал фаъолият мебаранд, мавҷуд мебошад. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда вобаста ба мавзуи баррасӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ мушоҳида намешавад. Бинобар ин, пешниҳод намудааст, ки дар зербанди 28-уми моддаи 20-и Қонуни конститутсионии

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» мушаххасот вобаста ба тасдиқ намудани низомнома ва оиннома мустаҳкам карда шавад.

з) Дар раванди омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маълум намудааст, ки раис метавонад, ки роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияро, ки аз буҷети маҳаллӣ маблағгузорӣ мешаванд, ба вазифа таъин ва аз вазифа озод намояд. Аммо, дар номгӯйи ваколатҳои раис чунин меъёр дида намешавад. Аз ин хотир, пешниҳод намудааст, ки дар банди 18 моддаи 20 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» меъёри бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъин ва озод намудани ин роҳбарони сохторҳои маҳаллии мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ворид карда шавад.

и) Бо мақсади мураттаб намудани сохторҳои маҳаллӣ зарӯр шуморидааст, ки дар боби 3-юми Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» вазъи ҳуқуқии тамоми сохторҳои идоракунии маҳаллӣ, аз ҷумла сохторҳои ба низоми мақомоти марказии ҳокимияти давлатӣ дохилшаванда мустаҳкам карда шуда, нисбат ба онҳо меъёрҳои қонунгузории маъмурӣ ҷиҳати сохти ташкилӣ мутобиқ сохта шавад. Инчунин, дар моддаи 8-и Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» меъёри аз ҷониби мақомоти намояндагии маҳаллӣ тасдиқ намудани Нақшаҳои идораи маҳал бо пешниҳоди раисон мустаҳкам карда шавад.

к) Муаллиф вобаста ба мустаҳкам намудани шакли ташкилии ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ қайд менамояд, ки дар ин самт дар қонунгузории амалкунанда норасоӣ мавҷуд мебошад. Бо мақсади аз байн бурдани чунин норасоӣ, пешниҳод намудааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ шакли ташкилию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ – зинаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон мустаҳкам карда шаванд ва барои ифодаи он истилоҳи «Садорат»-ро қобили қабул шуморида, барои ифодаи роҳбар (сарвар)-и идораи маҳаллӣ номи «Садр» (Сардор)-ро зарӯр донистааст.

л) Муайян намудааст, ки дар таҷрибаи идораи давлатӣ аз тарафи кормандони амалӣ вазъи ҳуқуқии раис ва иҷрокунандаи раис дуруст дарк карда намешавад. Дар натиҷа, барои дуруст роҳнамоӣ кардани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои баромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ба тариқи тафриқавӣ мустаҳкам намудани салоҳияти раис ва иҷрокунандаи вазифаи раисро дар қонунгузорӣ мақсаднок ҳисобидааст.

м) Муаллиф бо таҳқиқот муайян намудааст, ки дар раванди амалӣ намудани ваколатҳо аз тарафи раис бархӯрди манфиатҳо ба назар мерасад. Чунин бархурд зимни изҳори нобоварӣ ба раис ва ё пешниҳоди

номзадии раис ба мақомоти болоӣ алоқаманд мебошад. Бо мақсади бартараф намудани чунин ҳолатҳо, пешниҳод намудааст, ки дар моддаи 13-и Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» қисми нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Ҳангоми баррасии масъалаи изҳори нобоварӣ ба раис ё ин ки пешниҳоди номзадии раис ба мақомоти болоӣ ба кори иҷлосияи Маҷлиси вакилони халқ вакили синну солаш калонтарин роҳбарӣ мекунад ва ба санадҳои он имзо мегузорад».

н) Дар раванди таҳқиқот муайян шудааст, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқи амалкунанда оид ба мақомоти идораи маҳаллӣ додани ваколатҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ мавҷуд мебошад, ба истисноиваколатҳои истиноӣ. Аммо, ваколатҳои истиноӣ муайян намебошад. Бо ин назар, пешниҳод намудааст, ки дар Қонуни конститутсионии ҶТ «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» доира ва номгӯйи ваколатҳои истисноии мақомоти идораи давлатӣ муайян карда шавад.

о) Масъалаи дигар ба субъектони нашри санадҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи маҳал алоқаманд буда, муайллиф пешниҳод намудааст, ки дар сатҳи қонунгузорӣ санадҳои ҳуқуқии субъектони идораи давлатӣ дар сатҳи маҳал, аз ҷумла, сохторҳои тобеи раис ва тобеи мақомоти иҷроияи марказӣ мустаҳкам карда шавад.

Дар асоси ин гуфтаҳо, метавон иброз намуд, ки муаллифи рисолаи илмӣ бо дарназардошти нуқтаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, ки ҳамагӣ ҳамчун навгонии илмӣ ба ҳисоб меравand, лоиқ ба дорандаи илмии дархостшаванда мебошад.

Ногуфта намонем, ки дар баробари муваффақиятҳои болозикр, дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зайл метавон иброз намуд:

1. Муаллиф дар рисола қайд менамояд, ки дар заминаи таҳқиқи масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҷрибаи ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкур дар давлатҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Дар воқеъ, аз тарафи муаллим бо омӯзиши тарибаи ташкил ва фаъолияти ин зинаи мақомот дар давлатҳои хориҷӣ тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд. Инчунин, муаллиф онро дар нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ворид намудааст. Дар баробари ин, муаллиф дар диссертатсия илова менамояд, ки аз нигоҳи компаративистикаи муосир барои дарёфти сабақҳои ибратомӯз баҳри рушди давлатдории миллӣ таваҷҷуҳ ба ташкили низоми идораи маҳаллии кишварҳое, ки сохти давлатии бо Тоҷикистон шабеҳ доранд ва ба фаъолияти самарабахши ҳокимияти маҳаллӣ дастёб шудаанд (ба монанди Австрия, Чехия, Шветсия, Словакия, Венгрия, Туркия ва амсоли инҳо), ояндабахш мебошад (саҳ.40) Дар ҳамин асос, пешниҳод менамоем, ки дар таҳқиқотҳои минбаъда оид ба аз таҷрибаи қонунгузорӣ ва фаъолияти

амалиявии мақомоти идораи маҳаллии давлатҳои хориҷӣ, аз он ҷумла давлатҳои дар диссертатсия дарҷ намуда мушаххас истифода намояд.

2. Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия муаллиф вазъи ҳуқуқии раиси вилоят, шаҳр ва ноҳияро таҳқиқот намудааст. Муҳаққиқ пешниҳод менамояд, ки барои дуруст роҳнамоӣ кардани амалияи идорӣ ва пешгирӣ аз ҳолатҳои бaромадан аз доираи ваколатҳои мансабӣ ба тариқи тафриқавӣ салоҳияти раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис дар қонунгузорӣ мушаххас карда шавад. Мехостем, ки аз муаллиф фаҳмем, ки чунин тафриқагузорӣ салоҳияти нисбати раис ва иҷрокунандаи вазифаи раис танҳо зимни ташкили маҷлиси вакилони халқи дахлдор, яъне мақомоти намояндагӣ паҳн мегардад, ё дар умум. Аз ин хотир, вобаста ба масъалаи мазкур фикру ақидаи муаллифро шунидан мехостем.

Мулоҳизаҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд. Ҳамзамон, мазмуни автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дошта, дар он натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Раззоқзода Тамкин Мурод дар мавзуи "Масъалаҳои ҳуқуқии ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ пешниҳод шудааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҳамзамон мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд.

Тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, рисолаи диссертатсионии Раззоқзода Тамкин Мурод ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 12.00.14. – Ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон баррасӣ шудааст. Дар маҷлис иштирок доштанд: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 13 нафар, "зид" – нест, "бетараф" – нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 9/1, аз 24 апрели соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Санавваров Ғолибҷон Бақоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент (аз рӯйи ихтисоси 12.00.14. – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ), мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ ва меҳнатии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ муҳокима ва ҷонибдорӣ гардидааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 9 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 9 нафар, "зид" – 0 нафар, "бетараф" – 0 нафар. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 9/1, аз 24 апрели соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ,
н.и.ҳ., дотсент — Бобоев А.Х.

**Ташхисгар:**
мудири кафедраи ҳуқуқи гражданӣ
ва меҳнатӣ, н.и.ҳ., дотсент — Санавваров Ғ.Б.

**Котиби ҷаласа:** — Ҷумаева Н.М.

Имзои раис, ташхисгар ва
котиби ҷаласаро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсус — Мирпоччоев И.Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, 735700, 17 мкрн, хонаи 1. Телефон: +992 (3422) 2-38-11; E-mail: tsulbp@rambler.ru; www.tsulbp.tj

«29» 04 2024 с.